ТАҲЛИЛИ

таъсири танзимкунии лоиҳаи Тартиби пешниҳоди имтиёзҳо барои воридоти таҷҳизоти соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтмон ва таҷдиди каналҳои захиравии алоқа барои солҳои 2027-2037

Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешниҳоди имтиёзҳо барои воридоти таҷҳизоти соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтмон ва таҷдиди каналҳои захиравии алоқа барои солҳои 2027-2037»
Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онхо татбиқ мегардад	Мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, операторон ва провайдерҳои шабакаҳои алоқа, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки шабакаҳо ва иншооти муҳандисиро соҳибӣ, истифода ва ё идора меқунанд, сармоягузорон ва дигар нафароне, ки дар воридоти таҷҳизоти соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтмон ва таҷдиди каналҳои захиравии алоқа иштирок менамоянд
Мухлати кабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	10.12.2026
Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Огоҳинома дар бораи таҳия лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шуда, аз 27-уми июл то 27-уми августи соли 2026 машварати омавӣ нисбати Нақшаи таҳияи лоиҳаи Қарори мазкур гузаронида шуд.
Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо	Аз руи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Оид ба гузаронида шудан ва анҷоми машварати оммавӣ хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 сентябри соли 2026 №03-11/1097 пешниҳод гардидааст.
Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он	Тартиби пешниҳоди имтиёзҳо барои воридоти таҷҳизоти соҳаи алоқа ва

қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад	технологияҳои иттилоотӣ, сохтмон ва таҷдиди каналҳои захиравии алоқа барои солҳои 2027-2037 (минбаъд – Тартиб) асосҳо, шартҳо ва механизми пешниҳоди имтиёзҳоро зимни воридот намудани таҷҳизоти соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ, ҳангоми сохтмон, таҷдид ва азнавсозии каналҳои захиравии алоқа муайян намуда, муносибатҳои байни мақомоти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорро дар ин самт танзим менамояд. Лоиҳаи мазкур дар робита ба иҷрои **бандҳои 26, 50 ва 52** Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии Стратегияи рушди соҳаи алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дар солҳои 2026-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2026, №231 тасдиқ гардидааст, таҳия гардида бо мақсади татбиқи сиёсати давлатии рушди инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои алоқа, васеъ намудани шабакаҳои нахи оптикӣ ва таъмини рушди иқтисоди рақамӣ, муқаррар намудани намуд ва тартиби пешниҳоди имтиёзҳо, субъектони имтиёзгиранда ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо равона гардидааст. Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ва афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои электронӣ, шабакаҳои алоқа ба яке аз инфрасохторҳои муҳими стратегӣ табдил ёфтаанд. Бо вуҷуди рушди назарраси шабакаҳои нахи оптикӣ, дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурӣ роҳҳои алтернативӣ (захиравӣ)-и интиқоли трафик ҳанӯз пурра ташкил нашудаанд. Дар натиҷаи садамаҳои техникӣ, корҳои сохтмонӣ ва ё офатҳои табиӣ эҳтимоли пурра қатъ гардидани хизматрасониҳои алоқа ва интернет ба вуҷуд меояд, ки метавонад ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои молиявӣ, низоми пардохтҳои электронӣ, хизматрасониҳои давлатӣ ва фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ таъсири манфӣ расонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои асосии суст ҷорӣ гардидани шабакаҳои захиравӣ гаронии таҷҳизот, арзиши баланди сохтмон, расмиёти зиёди маъмурӣ ва мавҷуд набудани

	механизмҳои давлатии ҳавасмандгардонии операторони алоқа мебошад. Мақсади асосии лоиҳа: - муайян намудани тартиби ягонаи дастгирии давлатӣ барои воридоти таҷҳизот, сохтмони каналҳои захиравии алоқа; - ҷорӣ намудани механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста ба татбиқи чунин лоиҳаҳо; - соддагардонии расмиёти мувофиқаҳо барои сохтмони каналҳои захиравӣ; - коҳиш ёфтани арзиш ва хароҷоти сохтмони шабакаҳои алоқа; - ҳаҷми сармоягузории дохилӣ ва хориҷиро зиёд намуда, истифодаи муштараки инфрасохтори муҳандисӣ васеъ мегардад; - сифати хизматрасониҳои алоқа беҳтар гардида шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои рақамӣ ва фарогирии интернети фарохмаҷӣ зиёд мегардад. Дар айни замон қисми зиёди таҷҳизоти шабакаҳои алоқа, марказҳои коркарди додаҳо, шабакаҳои нахи оптикӣ, шабакаҳои мобилӣ ва таҷҳизоти таъмини амнияти киберӣ аз хориҷи кишвар ворид карда мешаванд. Арзиши баланди таҷҳизот, пардохтҳои гумрукӣ ва андозӣ, инчунин муҳлати тӯлонии барасмиятдарории гумрукӣ ба зиёд гардидани хароҷоти сармоягузории операторони алоқа оварда расонида, суръати навсозии инфрасохтори рақамиро коҳиш медиҳад. Бо ин назардошт, таҳия ва қабули лоиҳаи «Дар бораи Тартиби пешниҳоди имтиёзҳо барои воридоти таҷҳизоти соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтмон ва таҷдиди каналҳои захиравии алоқа барои солҳои 2027-2037» ҷавобгӯи талаботи замони муосир буда, ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои алоқа, васеъ намудани шабакаҳои нахи оптикӣ ва таъмини рушди иқтисоди рақамӣ, муқаррар намудани намуд ва тартиби пешниҳоди имтиёзҳо мусоидат менамояд.
Баёни мухтасари мақсади дахолати давлат дар	Мақсади дахолати давлат ин фароҳам овардани шароит барои рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, муайян ва

робита ба мушкилоти муайян шуда	мустаҳкам намудани пояи ҳуқуқии нақши хизматрасониҳои соҳаи алоқа, беҳтар намудани ҳамкориҳои байниидоравӣ, ҳисоботдиҳӣ ва назорати риояи масъалаҳои марбут дар ин самт аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ мебошад.
Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои сохибкорӣ, асоснокунии роҳи ҳалли чунин мушкилот	Дар лоиҳаи пешниҳодшудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешниҳоди имтиёзҳо имтиёзҳо барои воридоти таҷҳизоти соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтмон ва таҷдиди каналҳои захиравии алоқа барои солҳои 2027-2037» маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ пешбинӣ мегарданд, ки ба ҳалли мушкилоти дар самти воридоти таҷҳизоти соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтмон ва таҷдиди каналҳои захиравии алоқа равона шудаанд. Аз ҷумла: - самтҳои афзалиятнок, мақсад ва принсипҳо; - субъектони имтиёзгиранда; - ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони имтиёзгиранда; - намудҳои имтиёзҳо; - тартиби пешниҳоди имтиёзҳо; - ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзим ва пешниҳоди имтиёзҳо; - татбиқи имтиёзҳо. Уҳдадорӣ Субъектони имтиёзгиранда уҳдадоранд: - барои бархурдор гардидан аз имтиёзҳои пешбинигардида шакли пурраи ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намоянд; - имтиёзҳои пешниҳодшударо танҳо бо мақсадҳои муқарраршуда истифода баранд; - ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи воридотӣ ва истифодабариро нигоҳ доранд; - баҳисобгирии таҷҳизоти воридшударо таъмин намуда, оиди масъалаи мазкур ҳар семоҳа ба мақоми ваколатдори давлатӣ маълумот манзур намоянд; - ҳангоми тағйир ёфтани амал, мақсад, ҳолати ҳуқуқӣ ё дигар ҳолатҳое, ки ба истифодаи

	имтиёз таъсир мерасонад, мақомоти дахлдорро огоҳ намоянд; - истифодаи бехатар ва самараноки каналҳои захиравии алоқаро таъмин намоянд; - ҳар семоҳа, нимсола ва солона ҳисоботи пурраи даври (молиявӣ ва техникӣ)-ро оид ба татбиқ ва иҷрои нишондиҳандаҳои имтиёзҳоро ба мақоми ваколатдори давлатӣ сари вақт пешниҳод намоянд; - ба мақомоти ваколатдор барои гузаронидани мониторинг мусоидат намуда, имконияти дастрасӣ ба объектҳо ва ҳуҷҷатҳоро таъмин намоянд; Махдудиятхо Амали имтиёзҳо дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешаванд: - аз ҷониби субъекти имтиёзгиранда риоя нагардидани шартҳои пешниҳоди имтиёзҳо; - даст кашидани субъекти имтиёзгиранда аз имтиёзҳо; - пешниҳоди маълумоти нодуруст ва ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ; - ғайримақсаднок истифода бурдани таҷҳизоти афзалиятнок; - анҷом ёфтани муҳлати истифода; - иҷро гардидани мақсади лоиҳа; - даст кашидани субъекти имтиёзгиранда аз имтиёзҳо; - барҳам хӯрдани шахси ҳуқуқӣ (ташкилот); - бекор гардидани асосҳои ҳуқуқии пешниҳоди имтиёз; - дар асоси санади судӣ; - дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Асоснокунии роҳи ҳалли чунин мушкилот: Бо мақсади ҳалли мушкилоти мавҷуда дар самти рушди инфрасохтори алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла баланд будани арзиши воридоти таҷҳизоти соҳавӣ, зарурати навсозӣ ва васеъ намудани шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, инчунин таъмини устувории инфрасохтори алоқа тавассути

	сохтмон ва таҷдиди каналҳои захиравии алоқа, пешниҳоди механизми имтиёзнок асоснок карда мешавад. Механизми мазкур ба коҳиш додани хароҷоти сармоягузорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ ва суръат бахшидан ба рушди инфрасохтори муосири алоқа равона гардида, дар натиҷа метавонад ба беҳтар гардидани дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои алоқа, баланд шудани устувории шабакаҳо ва рушди иқтисоди рақамӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, бо мақсади пешгирии истифодаи ғайримақсадноки имтиёзҳо, татбиқи онҳо бояд дар асоси меъёрҳои мушаххас, рӯйхати таҷҳизоти дахлдор ва механизмҳои назорати истифодаи мақсаднок ба роҳ монда шавад.
Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилот ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, ки тахиякунанда баррасӣ намуда буд (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ)	Ягона роҳи ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта таҳия намудани заминаи ҳуқуқи ба шумор рафта бидуни он навсозии инфрасохтори алоқа, баланд бардоштани рақобатпазирии бозори хизматрасониҳои соҳаи алоқа, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамии муосир ва таъмини рушди устувори иқтисоди рақамӣ саривақт таъмин намегардад. Қабул намудани чунин лоиҳа тадбирҳои саривақтӣ ва мақсаднок арзёбӣ мегардад, ки имкон медиҳад ташкили механизми давлатии ҳавасмандгардонии навсозии инфрасохтори алоқа, баланд бардоштани рақобатпазирии бозори хизматрасониҳои соҳаи алоқа, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамии муосир ва таъмини рушди устувори иқтисоди рақамӣ беҳатр карда шаванд. Таҳлил нишон дод, ки бидуни дахолати мустақими иқтисодӣ (яъне пешниҳоди имтиёзҳои гумрукию андозӣ тавассути санади меъёрӣ), ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда, тез ва устувор сохтани инфрасохтори алоқа кишвар ғайриимкон аст. Маҳз барои ҳамин роҳҳои алтернативии бе санади меъёрии ҳуқуқӣ нокифоя арзёбӣ гардида, зарурати таҳияи худи лоиҳаи мазкур ба миён омад.
Арзёбии мухтасари хароҷоти буҷети давлатӣ	Тартиби мазкур ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои ҷорӣ

ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	мухолифат надошта, аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд ва амалишавии он аз ҳисоби маблағҳои пешбинишудаи мақомоти давлатӣ ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, сурат мегирад. **Оқибатҳои иқтисодӣ:** - афзоиши сармоягузории мустақим: - паст шудани арзиши аслии хизматрасониҳо: - рушди тиҷорати рақамӣ. **Оқибатҳои иҷтимоӣ**: - баланд шудани сифати хизматрасониҳои давлатӣ; - рушди инфрасохтори алоқа ва Интернети баландсуръат ба минтақаҳои дурдаст, кӯҳистон ва деҳоти кишвар; - рушди таҳсилоти рақамӣ - дастрасии беҳтар ба хизматрасониҳои рақамӣ; - беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои соҳаи алоқа, интернети фарохмавҷ;
Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он	Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии лоиҳаи мазкур ба се самт равона гардидааст. - нишондиҳандаҳои инфрасохторӣ ва техникӣ - нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ - нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва дастрасӣ. Дар баробари мавриди амал қарор гирифтанни тартиби мазкур ба субъектони соҳаи алоқа (субъектони имтиёзгиранда) як қатор имтиёзҳо ба монанди имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ, ташкилӣ ва маъмурӣ пешниҳод карда мешавад, ки онҳо ҳарчи зудтар инфрасохтори худро бо таҷҳизотҳои пешравта таъмин намоянд.
Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он	28.12.2026

Сардори раёсати ҳуқуқ Абдуллозода Ф.